«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур, доктори илмҳои
кишоварзӣ, профессор
________ Маҳмадёрзода У.М.
«__27__» ______07______ с.2024

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи васеи кафедраҳои факултети иқтисодии Донишгоҳи агарарии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Ба кори диссертатсионии Юсуфзода Исмоил Умарали дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051900–Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат).

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Юсуфзода Исмоил Умарали, соли таваллуд 14.12.1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2010 ба МДТ коллеҷи кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ аз рӯйи ихтисоси ҳисобгирии бухгалтерӣ дохил шуда, онро соли 2012 хатм намудааст, соли 2012 ба факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти истеҳсолоти аграрӣ дохил шуда, онро соли 2015 хатм намуда, ба шуъбаи магистратураи донишгоҳи мазкур аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти истеҳсолоти аграрӣ дохил шуда, онро соли 2017 хатм намудааст.

Аз соли 2019 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур ва аз соли 2017 то соли 2020 дар шуъбаи рӯзонаи магистратура, докторантура ва аспирантураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси 6D060500- Иқтисодиёт таҳсил намудааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия 187 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 28 ҷадвал, 13 расм иборат буда, феҳристи адабиёти истифодашуда 166 маъхазро ташкил медиҳад.

**Роҳбари илмӣ:** Насиров Раҳимбек-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар низоми унсурҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодиёти бозорӣ, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавқеи хосро ишғол менамояд. Таҳлили вазъи воқеии иқтисодиёти бозорӣ, тадбирҳои пешниҳодгардида оид ба ноил шудан ба мувозинати низоми иқтисодӣ ва афзоиши суръати рушди он то кунун таваҷҷуҳи илм, ҷомеа ва ҳукуматро ба мушкилоти мавҷуда пеш аз ҳама дар муносибатҳои бозорҳои молию пулӣ (аз ҷумла, асъор)-ро инъикос мекунад. Дар ин сурат, он вазъияте аз доираи назар берун мемонад, ки ҳардуи ин бозорҳо-натиҷаи фаъолияти бозори меҳнат мебошанд. Бинобар ин, афзалиятнокии бозорҳои молию пулӣ бояд ба афзалиятнокии мантиқии бозори меҳнат, ки бештар мебошад, онро дар мадди аввал гузорад.

Бозори муосири кишоварзии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор омилҳоро дар бар мегирад, ки ба коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ халал мерасонад. Яке аз ин омилҳо маҳдудияти иқтидори соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ оид ба таъмини шуғли қувваи кории мавҷуда ба ҳисоб меравад, ки он зиёдатии захираҳои меҳнатиро ошкор намояд.

Бозори кишоварзии меҳнат, ки солҳои охир амал карда истодааст, бо номутаносибии байни мавҷудияти ҷойҳои корӣ ва пешниҳоди онҳо тавсиф карда мешавад. Ин раванд дар натиҷаи ба бекории ошкоро табдил ёфтани бекории пинҳонӣ бештар гардида, на танҳо хусусияти миқдорӣ, балки сифатӣ ҳам мегирад. Ифодаи номувофиқатӣ дар ихтилофи байни тайёрии касбӣ ва тахассусии қувваи корӣ зоҳир мегардад. Комилан равшан аст, ки барои муайян намудани мавқеи хоҷагии қишлоқ дар таъмини аҳолӣ бо шуғл бояд самтҳои рушди он бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳавӣ, ҳудудӣ, махсусгардонӣ, интенсификатсия, алоқаи байни хоҷагиҳо, системаи хоҷагидорӣ муайян карда шаванд.

## 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст. Объект, мавзуъ ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти илмию амалӣ буда ба рушди илми иқтисодӣ саҳми худро мегузоранд.

## 3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Диссертатсия дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.10. 2016, №392), «Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.05.2020, №386), «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2040» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2020, №566), «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №54), инчунин, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар мавзуи саноатикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳачун омили рушди КАС мусоидат менамояд.

4. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вориданд, нашр гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУЪ:

### А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Ҳавасмандӣ-омили муҳими таъмини самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ [Матн] / Юсуфзода И. У. //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии Кишоварз ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе, 2023.-№2. (99).- С. 273-277. ISSN 2074 – 5435

[2-М]. Ҳолати ҳозираи демограӣ ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд [Матн] / Юсуфзода И. У. //Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе,2022.-№3. (57).- С. 139-.142 ISSN 2074 – 5435.

[3-М]. Ташкили оқилонаи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / Насиров Р., Юсуфзода И.У. //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии Кишоварз ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе.-2020.-№1. (86).- С. 112-112 ISSN 2074-5435.

[4-М]. Идоракунии захираҳои меҳнати дар шароити бозор [Матн] / Насиров Р., Анваров И.М., Юсуфзода И.У. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2020.-№6.- С. 135-142 ISSN 2413 – 5151

**Б). Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[5-М]. Захираҳои меҳнатӣ ва ҳолати истифодабарии онҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / Юсуфзода И.У., Ятимова Б.М. /Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳими самаранок истифодабарии заминҳои корам дар шароити биологикунонӣ ва экологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.- Душанбе,2022.- С.271-275.

[6-М]. Ташкили оқилона идоракунии захираҳои меҳнатӣ [Матн] / Юсуфзода И.У., Ятимова Б.М. /Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳими самаранок истифодабарии захираҳои обию заминӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва тағйирёбии иқлим» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.- Душанбе,2022.- С.263-268.

[7-М]. Истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] /Юсуфзода И.У., Ятимова Б.М. /Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Саноатикунони ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур Душанбе.-2021.- С.265-270

[8-М]. Асосҳои назариявии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ. [Матн] / Насиров Р., Юсуфзода И.У. /Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Инноватсия омили самарабахши алоқаи илм ва истеҳсолот» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе,2019.- С. 416-420.

[9-М]. Омилҳои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / Юсуфзода И.У. /Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Технологияи инноватсионии нигоҳдори ва коркард, логистикаи меваю сабзавот: нигоҳе ба оянда» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе, 2019.- С.405-406.

[10-М]. Консепсяи идоракунии захираҳои меҳнати дар шароити бозор [Матн] /Анваров И.М., Юсуфзода И.У., Ятимова Б.М. /Маводҳои конфронси илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таъминоти инноватсионии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе, 2018.-С. 62-64.

[11-М]. Трудоспособность и занятость насиления- важное условие организации труда [Текст]/ Анваров И.М., Юсуфзода И.У., Саидов М.С. /Маводҳои конфронси илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таъминоти

инноватсионии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.- Душанбе, 2018.- С. 62-64.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ.**

Натиҷаҳои назариявии дар диссертатсияи пешниҳодшуда дар раванди таълим аз фанҳои «Ташкили илмии меҳнат», «Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ», «Шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ», «Бозорҳои кишоварзӣ», «Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографӣ», «Иқтисодиёти рушди деҳот» дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур татбиқ ва амалӣ шуда истодаанд. Баъзе натиҷаву тавсияҳои аз таҳқиқоти дисертатсионии муаллиф баромада, дар фаъолияти Раёсати кишоварзии Мақомоти иҷроии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ татбиқ карда шудааст (санади татбиқ №30, аз 15. 04. 2024).

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Ҳамаи давраҳо аз рӯйи иҷрои нақшаҳои кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмилдиҳии методикаи муайян намудани самаранокии иқтисодӣ, омилҳои таъсиррасонанда ва такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ саҳми худро гузоштааст, дар ҷадваали 1.2.1 акси худро ёфтааст. Унвонҷӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои илмӣ-амалиро оид ба такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ пешниҳод намудааст, ки таъсири бевоситаи худро ба сатҳи иқтисодии соҳаи кишоварзӣ хусусан коргарони он мерасонад.

**Қарори ҷаласаи васеи кафедраҳои факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Юсуфзода Исмоил Умарали дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (Дар мисоли вилояти Суғд)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051900–Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат), тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Носиров Р. ва баромадкунандагон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоев Б.М., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ғуломов Х. Ҳ., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Улфатов А. Ғ. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Исмоилов И.М. маҷлиси васеи кафедраҳои факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур хулосаи пешниҳодгардидаро оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Юсуфзода Исмоил Умарали

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Юсуфзода Исмоил Умарали дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнати дар соҳаи кишоварзӣ (Дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051900–Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат), ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Юсуфзода Исмоил Умарали нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси васеи кафедраҳои факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар бораи дуруст ба расмият даровarda шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 15 нафар иштирок доштанд.

Тарафдор 15- нафар,

Зид нест,

Бетараф нест

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраҳои факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз 22.06.2024, протоколи № 10 қабул шудааст.

**Раиси маҷлис:**

Декани факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ. Шоҳтемур, н.и.и., дотсент — Олимов А. Х.

Котиби маҷлис — Пирназаров Ш. М.

«Имзоҳои Олимов А.Х. ва Пирназаров Ш.М.-ро тасдиқ мекунам», Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур — Абдуҳалимзода Н.А.